# 391/11.1-д аз 10.01.2024

Мақомоти ҳудудии андоз
ва андозсупорандагон

Оид ба меъёри андоз аз арзиши иловашуда

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки мутобиқ ба муқаррароти қисми 4 моддаи 397 Кодекси андоз меъёри стандартии андоз аз арзиши иловашуда дар банди 1) қисми 1 моддаи 264 Кодекси андоз барои ҳама намуди воридот ва таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз 1 январи соли 2024 то 31 декабри соли 2026 ба андозаи 14 фоиз новобаста аз муомилоти нақдӣ ё ғайринақдӣ муқаррар карда шудааст.

Меъёрҳои пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашудаи дар бандҳои 2) ва 3) моддаи 264 Кодекси андоз, аз ҷумла нисбат ба иҷрои кори сохтмонӣ, хизматрасонии меҳмонхонавӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ – 7 фоиз ва барои фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии таълимӣ ва фаъолияти оид ба хизматрасонии тиббӣ дар осоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо бе ҳуқуқи баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда – 5 фоиз бе тағйир боқи мондааст.

Ба инобат гирифта шавад, ки мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024” ААИ танҳо барои корхонаҳои коркарди гандум (ба истиснои воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ) барои воридот, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда, инчунин барои маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда ва фурӯши он, барои фурӯши равғани растанию боқимондаи коркарди он (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) бо меъёри 10 фоиз муқаррар карда шудааст. Дар Қонуни мазкур барои ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ меъёрҳои гуногуни ААИ муқаррар карда нашудааст.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки шаҳрвандон ва андозсупорандагонро оид ба тағйир ёфтани меъёри андоз аз арзиши иловашуда огоҳ намоянд.

Раис Н. Давлатзода